**СУРАТМАҶЛИСИ №8**

Ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-030

**14 - уми январи соли 2021.** **ш. Душанбе**

Иштирок доштанд: аз 16 нафар аъзои Шӯрои диссертатсионии бо фармоиши КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03 - юми марти соли 2020, таҳти №63 тасдиқгардида, 12 нафар иштирок доранд, ки аз онҳо 5 нафарашон доктορони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб мераванд. Бо назардошти банди 37 «Тартиби гузаронидани ҷаласаҳои Шӯрои диссертатсионӣ» пешниҳод мегардад, ки ба сифати иҷрокунандаи вазифаи котиби илмӣ аъзои Шӯро, корманди муассиса д.и.ф., Муминов А.И. интихоб карда шавад. Аз ин рӯ, пешниҳод шуд, ки ҷаласа кушода эълон карда шавад, пешниҳоди дигар нест? Нест. Якдилона қабул карда шуд.

**<u>РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:</u>**

1. Ба ташхиси аввалия қабул намудани диссертатсияи Пайвандов Х.Б., аспиранти кафедраи минтақашиносии хориҷии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар мавзӯи «Ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ (дар мисоли Малайзия, Индонезия ва Сингапур) дар даврони истиқлолият» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.15 - таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати хориҷӣ (илмҳои таърих).

Аз рӯйи масъалаи мазкур раиси Шӯрои диссертатсионӣ Нуриддинов Р.Ш., аъзоёни шӯрои диссертатсионӣ Латифов Ҷ.Л., Муминов А.И. Шоисматуллоев Ш. баромад намуданд.

**<u>ҚАРОР КАРДА ШУД:</u>**

1. Комиссияи ташхис оид ба диссертатсияи Пайвандов Х.Б. дар мавзӯи «Ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ (дар мисоли Малайзия, Индонезия ва Сингапур) дар даврони истиқлолият»

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.15 – таърихи муносибатҳои байналмилилӣ ва сиёсати хориҷӣ (илмҳои таърих) таъйин карда шавад.

2. Ба ҳайати комиссияи ташхис дохил карда шаванд:

- доктори илмҳои сиёсӣ, аъзои Шӯро Саидов Ҳ.С.;
- доктори илмҳои таърих, аъзои Шӯро Ғаффорӣ Н.У.;
- доктори илмҳои таърих, аъзои Шӯро Собирова Қ.Д.

Якдилона бо овоздиҳии ошкоро қабул карда шуд.

**Раиси Шӯрои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои сиёсӣ, профессор** **Нуриддинов Р.Ш.**

**И.в. котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои фалсафа** **Муминов А.И.**